**Суратҷаласаи №8**

Ҷаласаи васеи Шурои олимони факултети забони англисии
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

аз «30» марти соли 2022 ш.Душанбе

**<u>Иштирок доштанд:</u>** аз 20 нафар аъзои Шурои олимони факултети забони англисии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода 19 нафар иштирок доштанд. 1 нафар бо сабаби узрнок иштирок надошт. Дар кори ҷаласа 19 нафар, ки сохторҳои факултетро намояндагӣ менамоянд ва 2 нафар даъватшудагон иштирок доштанд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона рӯзнома қабул карда шуд.

**<u>РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:</u>**

1.Таъйини муқарризони холиси берунӣ ва дохилӣ барои ташхиси диссертатсияи диссертанти кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷума Сафарзода Рухангези Акбар дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии низоми калимаҳои мураккаб ва сохторҳои нимтиредор дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи тарҷума» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ – таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ).

**ШУНИДА ШУД:**

Дар робита ба масъалаи мазкур раиси Шурои олимони факултети забони англисии ДДЗТ ба номи С.Улуғзода, дотсент Мусоямов З.М. баромад намуд. Номбурда дар бораи аризаи диссертант Сафарзода Рухангези Акбар оид ба таъйини муқарризони холиси берунӣ ва дохилӣ барои ташхиси диссертатсия суханронӣ кард.

Ҷаласаи Шурои олимони факултети забони англисии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода баъд аз баррасии масъалаи мазкур ва дар асоси фикру андешаҳои баёнгардида,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Сафарзода Рухангези Акбар дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии низоми калимаҳои мураккаб ва сохторҳои нимтиредор дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи тарҷума» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ – таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) ҷиҳати баррасӣ ва гузаронидани даври дуюми экспертиза дар факултет қабул карда шавад.

2. Муқарризони холис дар ҳайати нафарони зерин таъйин карда шаванд:

1. Мухторов Зайниддин Мухторович – доктори илмҳои филологӣ, Ректори Филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар Душанбе;
2. Каримов Амонулло Файзуллоевич – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи англиси Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

Раиси Шурои олимони
факултет, н.и.ф., дотсент Мусоямов Зубайдулло Муминшоевич

Котиби Шурои олимони
факултет, н.и.ф., дотсент Султонзода Мижгона